Абрешим ва дибоҷро напӯшед ва дар зарфҳои тилло ва нуқра нанӯшед ва дар зарфҳои он ғизо нахӯред. Зеро инҳо дар дунё барои онҳо (яъне кофирон) аст ва дар охират барои мо

Аз Абдурраҳмон ибни Абулайло ривоят аст, ки онон назди Ҳузайфа буданд, пас ӯ об хост ва як маҷусӣ барояш об дод, аммо ҳамин ки қадаҳи обро дар дасташ гузошт, ӯ онро партофт ва гуфт: Агар ӯро зиёда аз як ё ду бор (аз истифодаи зарфи нуқра) наҳӣ накарда будам, ин корро намекардам, аммо ман шунидам, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Абрешим ва дибоҷро напӯшед ва дар зарфҳои тилло ва нуқра нанӯшед ва дар зарфҳои он ғизо нахӯред. Зеро инҳо дар дунё барои онҳо (яъне кофирон) аст ва дар охират барои мо."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мардонро аз пӯшидани ҳар навъ абрешим манъ кардааст. Ва мардону занонро аз хӯрдан ва нӯшидан дар зарфҳои тилло ва нуқра манъ кардааст. Ва хабар доданд, ки инҳо рӯзи қиёмат танҳо барои муъминон аст, зеро дар дунё аз рӯйи итоати Аллоҳ аз истифодаи онҳо худдорӣ карда буданд. Ва аммо кофирон дар охират баҳрае аз он надоранд, зеро онон бо баҳра бурдан аз ин манҳиёт ва бо маъсияти Парвардигор аз он истифода бурданд ва хушиҳои худро зудтар дар дунё ба поён расониданд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/2985